МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№3 (93),
МАРТИ СОЛИ 2023
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




Ҷашни Наврӯз барои мо - тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад.

Мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодиву нишот иборат буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст.

Зеро ин ҷашн ба қалби хурду бузург сурури шодӣ мебахшад, тамоми афроди ҷомеаро сарҷамъ месозад ва кулли мардумро ба дӯстиву самимият ва меҳру муҳаббати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар фаро мехонад.

Маҳз бо ҳамин сабаб ин падидаи асили фарҳангӣ ҳаргиз кӯҳнашавиро намепазирад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати мардуми мо боқӣ мемонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

# Ташаббусҳои Пешвои миллат дар ҷаҳонӣ шудани Наврӯз

Ҳар як халқу миллат дорои анъана ва иду маросимҳои миллии хеш мебошад, вале ба кам миллатҳо муяссар мегардад, ки мақоми онро ба сатҳи байналмилалӣ бардоранд. Барои ин тадқиқоти илмии возеҳу равшани собиткунандаи илмӣ ва таҳлилӣ лозим аст. Яке аз ин шахсиятҳои бузург Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки тавассути ташаббусҳои шахсӣ ва меҳру муҳаббати бепоён ба фарҳанги миллӣ, ба ин ҳадафи бузург то сатҳи СММ баромаданд. Борҳо Пешвои миллат дар баромадҳояшон таъкид менамоянд, ки тоҷикон миллати фарҳангии таърихӣ мебошанд. Маҳз фарҳанги волои тоҷикон таваҷҷуҳи олимону адибони ватанӣ ва ҷаҳонӣ, аз қабили Айнӣ, Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Бартолд В.В., Шишов А.П., Н. Павлов, А. Гертнер, Гейри И.И., Веткин В.Л., В. Сиверс, Наливкин В.В., Миддендорф А.В., Гогол И.В., Бертелс Э.Г., Гёте И.В., Ф. Энгелс, С. Есенин, Бунин И.А., Ричард Фрай, М. Бойс ва даҳҳо навари дигарро ҷалб намуда, дар осори худ ба фарҳанги миллӣ ва расму оини тоҷикон баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ А. Вамбери менависад: **"Тоҷикон аз давраҳои қадимтарин аҳолии сершумор буда, фарҳанги тоисломии хешро густариш дода, ба дигар халқҳо бо тамаддуни худ нақши муассир гузоштаанд" (Вамбери А. Очерки Средней Азии. М., 1868. - С.318-319.).**

Муҳаққиқ Н. Павлов бошад, ин маъниро дигаргуна чунин менигорад: **"Аз рӯи адолат бояд иқрор шавем, ки дар ҷаҳон чунин миллати фаъол ва беназире ба мисли тоҷикон кам аст, ки ба зарбаҳои бегонагон дучор омада, истодагарӣ намуда, боз аз сари нав эҳё шудаанд" (Павлов А. История Туркестана. Ташкент, 1910. - С.11.).**

Ва дар ин замина, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин овардаанд: **"Таърихи давлатдории ориёӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо**



**ҳамеша кӯшиш ва ҷаҳду ҷадал мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои рушду тараққӣ ва густариши забони модарии хеш тадбирҳои мушаххас андешанд" (Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. Душанбе, 2016. -С.14.).**

Ҳастии миллат, дарвоқеъ, ба забону таъриху фарҳанг ва расму оинҳои миллӣ робитаи ногустастанӣ дорад. Яке забон, дуюм Наврӯз аст, ки тоҷиконро ба ҷаҳон муаррифӣ кардаанд.

Муҳаққиқ С. Маҳкамов дар тадқиқоташ менависад: **"Адиб ва олими энсиклопедисти охири асри 14 ва аввали асри 15-и Миср Абулаббоси Қашқашангӣ дар асари "Субҳи тираранг" ба хулосае омадааст, ки Наврӯз бори аввал дар замони шоҳаншоҳии Ҷамшед ҷашн гирифта шудааст" (Маҳкамов С. Ориёиҳо ва корнамоии онҳо. Душанбе, 2006. - С.18.).**

Мутафаккири тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ чунин оварда: **"Ҳар шахсе аз рӯи табаррук ба ин рӯз дар даште ҷав кошт. Сипас ин расм дар эрониён пойдор монд, ки рӯзи Наврӯз дар канори хона ҳафт хел ғалла бар ҳафт табақ бикоранд. Ва аз рӯидани ин ғалла ба хубию бадии зироат ба ҳосили солиёна пешгӯӣ кунанд" (Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. Душанбе, 1990. - С.236.).**

Аксаран идеологҳои ифротпараст Наврӯзро ба оини динӣ шабоҳат медиҳанд, аммо аз гуфтаҳои Абӯрайҳони Берунӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Наврӯз ба ягон дин вобастагӣ надошта, иди оғози соли нав ва кишту кори баҳорӣ мебошад.

Профессор Раҳимзода Р.Ҳ. низ дар ин маврид чунин навиштааст: **"Наврӯз ба ягон дин таалluқ надошта, аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми ориёӣ ба шумор рафта, таърихи чандҳазорсола дорад…" (Раҳимзода Р.Ҳ. Фазилати Пешво. Душанбе, 2019. - С.56.).**

Истиқлолияти давлатӣ барои эҳёи суннатҳои миллии тоҷикон такони ҷиддӣ бахшид. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Сарвари давлат интихоб шуданашон ба густариши забону таърих ва фарҳанги миллат таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Нахустин кӯшиши Роҳбари давлат ин ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён дар сатҳи байналмилалӣ дар соли 1999 буд. Сипас, Сардори давлат атрофи ҷаҳонишавии Наврӯз андешаву тадқиқотҳояшонро идома дода, чунин нигоштаанд: **"Имрӯз миллати тоҷик аз фарозу шеби таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, асолати таърихию фарҳангӣ ва ҳувияти миллии хешро нигоҳ доштааст, ки аз ҳамон ҷавҳари гуманистии тамаддуни ориёӣ ва дастовардҳои пурарзиши тамаддуни ислом ғизо мегирад" (Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 2016. - С.31.).**

Пешвои миллат аввалин шуда дар байни давлатҳои Шарқ ҳавзаи нави фарҳангии Наврӯзро созмон дода, муштарак бо Анҷумани форсизабонони ҷаҳон, аз қабили давлатҳои Покистону Афғонистон, Эрону Ҳиндустон ва мамлакатҳои Осиёи Миёна дар муҳити нави фарҳангӣ Наврӯзро ҷашн гирифтанд. Кӯшишҳои пайвастаи Пешвои миллат натиҷаҳои самарабахш ба бор оварданд. Наврӯзи тоҷикон тавонист, ки муҳити нави таҳаммулпазирӣ ва тантанаи саодатро дар сарсари ҷаҳон ба вуҷуд оварад.

Ҳамин буд, ки бо ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 феврали соли 2010 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки тибқи он ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуд. Аз ин пештар, аниқтараш соли 2009 Наврӯз аз ҷониби Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид расман ба феҳристи ЮНЕСКО оид ба мероси башарияти фарҳанги ҷаҳонӣ дохил карда шуд. Ин аст, ки Иди байналмилалии Наврӯз баъд аз қабули қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кулли кишварҳои ҷаҳон ботантана ҷашн гирифта мешавад.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*



# Дастовардҳои илмии олимони Академия

15-уми феврали соли 2023, тибқи Фармони Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия таҳти №260/нк "Оид ба додани дипломҳои доктори илм", сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ сазовори дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардид.

Ҳамзамон, 25-уми феврали соли равон дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ҳузури аъзои Шӯро, аз ҷумла Вазири корҳои дохилӣ, д.и.ҳ., профессор, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академияи ВКД, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ҳимояи рисолаи доктории муовини сардори Академия, н.и.ҳ., дотсент, подполковники милитсия Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон дар мавзӯи "Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан" аз рӯи ихтисоси 12.00.09. "Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ" таҳти мушовирони илмӣ - Ходими шоистаи илми Федератсияи Россия, д.и.ҳ., профессор В.А. Михайлов ва профессори Академияи идоракунии Федератсияи Россия, Ходими шоистаи илми Россия, д.и.ҳ., профессор, генерал-майори адлия (мустаъфӣ) Б.Я. Гаврилов дар шакли омехта баргузор гардид.

Дар бораи мубрамияти мавзӯи рисолаи докторӣ Вазири корҳои дохилӣ д.и.ҳ., профессор Рамазон Раҳимзода баромад намуда, қайд кард, ки ба даст овардани илму донишу маҳорат ба осонӣ муяссар намегардад ва шахсе, ки дар роҳи донишомӯзӣ гарчанде душвор ҳам бошад, бо тамоми норасоиҳо ва заҳматҳои зиёд мекӯшад, то олим гардад, шахси донишманд ва соҳибобрӯст. Роҳбарияти ВКД ва Академияи он умедворанд, ки олимони ҷавон рисолаҳои номзадию докторӣ, корҳои илмию таҳқиқотии худро пешниҳод намуда, барои пешрафти илми ҳуқуқшиносии кишвар ва васеъгардонии фазои илмию эҷодии Тоҷикистон саҳми арзишманд мегузоранд.

Инчунин, оппонентҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ аз дохили ҷумҳурӣ ва давлатҳои аъзои ИДМ баромад намуда, ба кори доктории муовини сардори Академия, н.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. баҳои баланди илмӣ доданд.

Доир ба мавзӯи рисолаи докторӣ муаллиф теъдоди зиёди монография ва мақолаҳои илмӣ нашр намуда, ба ҳамаи саволҳои аъзои Шӯрои диссертатсионӣ посухи мусбат дод. Кулли аъзои Шӯрои диссертатсионӣ ба ҷонибдории ноил гаштани Раҳмадҷонзода Р.Р. ба унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ овоз доданд.

Маросими ҳимояи рисолаи докторӣ дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ баргузор гардид.

Санаи 23-юми феврал бошад, сардори қисми таълимии факултети №4 майори милитсия Султонзода Беҳзод Султонӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар мавзӯи "Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX - ибтидои асри XX)" аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ғафорӣ Н.У., рисолаи илмии худро бомуваффақият ҳимоя намуд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

# Чорабинии идона бахшида ба Рӯзи модар

6-уми март дар толори фарҳангии Академия бахшида ба Рӯзи модар чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.

Маҳфили идона бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардида, дар он сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо сухани табрикӣ баромад намуд. Аз ҷумла, номбурда иброз намуд, ки: "Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки ба мавқеи Зан-Модар таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Зан-Модар тамоми шароитҳои лозимиро муҳайё намуда, онҳоро аз лиҳози қонунӣ ҳифз мекунад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат соли 1999 Консепсияи "Ҳуқуқҳои сиёсии занон"-ро тасдиқ намуд. Аз моҳи сентябри соли 1998 "Нақшаи миллии баланд бардоштани мақоми зан" ва "Барномаи давлатии таъмини баробарҳуқуқии занон ва мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расиданд. Бояд гуфт, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои аъзои ИДМ ягона кишваре мебошад, ки Консепсияи байналмилалии ҳуқуқҳои сиёсии занонро тасдиқ намудааст.



3-юми декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид. Ин фармон имкон фароҳам овард, ки нақши занон дар идоракунии мақомоти давлатӣ сол то сол афзоиш ёбад. "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд" дар ҷумҳурӣ амал менамояд. Иштироки занон дар идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондодҳои миёнаи ҷаҳонӣ мувофиқ мебошад, ки чунин вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ кам ба назар мерасад.

Боиси ифтихор аст, ки дар ВКД ва Академияи он теъдоди зиёди занону бонувон фаъолона хизмат менамоянд. Шурӯъ аз 5-уми марти соли 2009 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи байналмилалии занон ба Рӯзи модар иваз гардид, ки ин аз арҷгузории Пешвои миллат нисбати Зан-Модар дар ҷомеа махсуб меёбад".

Ф. Шарифзода дар идомаи суханронӣ бори дигар тамоми бонувону курсантдухтарон ва кормандзанони Академияро ба муносибати Рӯзи модар самимона табрику таҳният гуфта, ба онҳо туҳфаҳои арзишнок ҳадя намуд. Аз ҷумла, занону бонувони фаъол бо мукофотҳои гуногуни ВКД ва Академия сарфароз гардонида шуданд.

Дар интиҳои чорабинии бошукӯҳ консерти идонаи корманд-ҳаваскорони санъати Академия ва устодони санъат баргузор гардид, ки хеле хотирмон буд.

*С. Сафарзода*

# Иштироки курсантдухтарон дар ҳамоиши бошукӯҳ



3-юми март бахшида ба Рӯзи модар дар толори Дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши занону бонувон таҳти унвони "Нақши занону ҷавондухтарон дар рушду инкишофи ҷомеа ва давлат" баргузор гардид.

Дар ҳамоиш муовини Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Чоршанбезода Сураҷ Сайнак, муовини раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликзод Парвина Иноятулло, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон, раиси Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Руқия Қурбонова ва зиёда аз 300 нафар бонувон аз ҳисоби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо иштирок намуданд.

Ҳамчунин, дар ин ҷамъомади бошукӯҳ аз Академияи ВКД 5 нафар курсантдухтарон - аъзои фаъоли "Шӯрои ҷавонон" бо роҳбарии раиси ин шӯро лейтенанти калони милитсия Абдулҳаким Раҷабалиён иштирок карданд.

Иштирокчиён вобаста ба мавзӯи занон ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки ба эътирофи бузургону мутафаккирони олам Зан-Модар аз ҷумлаи олитарин неъматҳои башарӣ ва идомадиҳандаи ҳаёт дар рӯи замин мебошад.

Иброз шуд, ки Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад, бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро такон медиҳад.

Нақши модарону занон дар таҳким ва рушди ҷомеа, бунёди оилаи хушбахт, таълиму тарбияи фарзандон ва афзоиши эътибори хонадон ниҳоят муҳиму арзишманд мебошад.

Зимни суханронӣ таъкид карда шуд, ки имрӯзҳо бонувони кишварамон баробари мардон номуси ватандориро ба дӯши худ гирифта, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ғайратмандона фаъолият доранд ва бо ташаббусҳои созандаи худ Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонида истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати занмодар маҳбубияти хоса дошта, таъкид мекунанд, ки "Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии насли ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мову шумо мебошад".

*У. Олим*



# Ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ



*Ашурзода Б.Х.,*
*ёрдамчии сардори Академия,*
*полковники милитсия*

Тибқи талаботи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити арзандаи зиндагиро фароҳам меорад. Меъёри мазкур муқарраротe мебошад, ки ҳанӯз дар марҳилаи аввалини қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, хусусияти барномавӣ дорад. Аз ин рӯ, бо мақсади дар асл воқеӣ гардонидани чунин меъёри конститутсионӣ дар давраи беш аз 31 соли истиқлолияти давлатӣ чорабиниҳои зиёди давлатӣ амалӣ карда шудаанд. Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ ҳифзи иҷтимоӣ яке аз чорабиниҳои сатҳи олӣ ба шумор меравад, ки дар қатори ҳалли дигар масъалаҳои соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ, албатта, ки масъалаи баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, некуаҳволии мардум, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва дар умум, коҳиш додани сатҳи камбизоатии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ҳамчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки зиёд намудани андозаи музди маоши кормандон ва соҳаи иҷтимоӣ то андозае сатҳи иҷтимоии зиндагии аҳолиро хуб намуда, ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад, чунки чунин категорияи одамон яке аз қишри асосии аҳолии давлатро ташкил менамоянд.

Дар тақвият ба гуфтаҳои боло имсол низ яке аз масъалаҳои бисёр муҳиме, ки дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ садо дода, таваҷҷуҳи ҳамаи табақаҳои аҳолиро ба худ ҷалб намуд, ин баланд бардоштани музди меҳнат ва нафақаву стипендия буд. Дар ин бора Роҳбари давлат дар Паёми навбатиашон чунин изҳор доштанд:

"Ҳоло бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд.

Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

- аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

- аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:

- андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

- нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд;

Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд".

Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, бахусус мақомоти корҳои дохилӣ доимо зери таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат қарор дошта, дар замони буҳрони молиявӣ, бархӯрди манфиатҳои миллию байналмилалӣ ва ҷаҳонишавӣ ин таваҷҷуҳ баръало меафзояд. Шаҳодати аёни таваҷҷуҳи ҳосаи Президенти кишварро ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар давра ба давра баланд бардоштани музди маоши кормандони мақомот, тибқи рӯйхат ва бонавбат таъмин кардани кормандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматии хизматӣ ва хусусӣ, ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтани манзили истиқоматӣ, беҳтар намудани шароити корӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандсозии онҳоро бевосита аз ҷониби Сарвари давлат мушоҳида намудан мумкин аст.

Акнун, вобаста ба таҳлили мавзӯъ таваҷҷуҳи хешро бевосита ба масъалаи зиёд намудани андозаи музди маош ва нафақаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз давраи соли 2000-ум то соли 2022-юм равона месозем.

Агар маоши вазифавии ҳайати хурди роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ то ба имрӯз аз 798 то 985, ҳайати миёнаи роҳбарикунанда аз 1010 то 1300 ва ҳайати калони роҳбарикунанда аз 1390 то 2300 сомониро ташкил диҳад, бо баланд гардидани он ба андозаи 25% мутаносибан ба 998 то 1231, 1262 то 1625 ва 1737 то 2875 сомонӣ зиёд мегардад.

Маоши вазифавии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамчунин бо худ андозаи маблағ барои рутбаи махсус, таҷрибаи корӣ дар мақомот ва озуқапулиро дар бар мегирад, ки бо зиёд шудани маоши вазифавӣ чунин андозаи маблағҳо низ бо андозаи муқарраршуда баланд мегарданд.

Аз ин рӯ, бо зам намудани андозаи изофапулӣ ба маоши вазифавӣ, то соли 2022 музди маоши вазифавии ҳайати хурди роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ аз 1022 то 1295, ҳайати миёнаи роҳбарикунанда аз 1704 то 2141 ва ҳайати калони роҳбарикунанда аз 2249 то 3570 сомонӣ муайян карда мешавад.

Соли 2023 бо андозаи 25% зиёд шудани андозаи маоши вазифавӣ ва дигар изофапулиҳо музди маоши ҳайати хурд мутаносибан ба 1277 то 1618, ҳайати миёна 2130 то 2676 ва ҳайати калони роҳбарикунанда ба 2811 то 4462 сомонӣ баробар мегардад.

Маҳз дар аввали соли 2000-ум музди маоши ҳайати хурд, миёна ва калони роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ мутаносибан ба 7, 14 ва 28 сомонӣ баробар буд. Бо истифода аз усули таҳлил ва муқоиса муайян кардан мумкин аст, ки дар 22 соли давраи истиқлолияти давлатӣ ва гардиши асъори миллии сомонӣ ба ҳисоби миёна музди маоши моҳонаи ҳайати хурд зиёда аз 200 баробар, ҳайати миёна зиёда аз 170 баробар ва ҳайати калон зиёда аз 125 баробар зиёд карда шудааст.

Нафақа барои собиқаи пурраи хизмат ба корманди мақомоти корҳои дохилӣ дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ" пешбинӣ карда мешавад, ки таъминоти манфиатҳои оилавӣ ва шахсии собиқ корманди мақомоти корҳои дохилиро дар бар гирифта, амали ҷавобии давлат барои хизматҳои солҳои бардавоми шахс ба манфиати давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи таҳлили парвандаҳои шахсии кормандони мақомоти корҳои дохилии солҳои пешин ва суҳбат бо кормандони собиқадори мақомот маълум мегардад, ки андозаи нафақаи муқарраршуда барои ҳайати хурд, миёна ва калони роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ дар соли 2000-ум мутаносибан ба 11,20, 13,02 ва 14,81 сомонӣ баробар буд.

Айни замон бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дохилиидоравии соҳавӣ андозаи нафақапулии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯи 80% музди маош барои собиқаи пурраи корӣ (25 сол) аз рӯи вазифаи охирини ишғолнамуда дар мақомот ё дигар вазифае, ки аз он ба нафақа рафтани кормандро ҳуқуқ медиҳад, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳисоби нафақаи кормандони мақомоти корҳои дохилиро барои давраи аз 1-уми марти соли 2023 ба тариқи миёна ва бо назардошти 25% зиёд шудани музди маош ва дар ҳамин сатҳ зиёд шудани нафақапулӣ мутаносибан барои ҳайати хурди роҳбарикунанда аз 1276 то 1617, ҳайати миёна аз 2130 то 2675 ва ҳайати калони роҳбарикунанда аз 2810 то 4461 сомонӣ баробар кардан мумкин аст.

Аз рӯи муқаррароти фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи феҳрасти мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ", инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, то давраи солҳои 2000-ум маоши вазифавии дигар хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони сохторҳои идоракунию ҳокимиятӣ ба андозаи дар боло муайянкарда баробар ё аз ин андоза камтар ҳам муайян гардида буд. Яъне, то ба ҳадди таҳлилшуда зиёд шудани маоши вазифавии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ аз заҳмату талошҳои бевоситаи Сарвари давлат вобастагӣ дорад, ки бояд аз таҳти дил қадр карда шавад.

Мақсад аз таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Президенти мамлакат ба хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот дар самти баланд бардоштани маоши вазифавӣ, ин таъмини босифат ва самараноки амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи сарҳадоти давлатӣ, пешгирии ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, қочоқи ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва дигар ҷиноятҳои хусусияти трансмиллидошта дар замони бархӯрди манфиатҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ ба ҳисоб рафта, боиси татбиқи амалии меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ислоҳоти соҳавӣ мегардад ва ба коҳиш ёфтани сатҳи амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби кормандони мақомоти дахлдор мусоидат менамояд.

Дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар самти баланд бардоштани маоши вазифавӣ ба иҷрои вазифаҳои амалигардида ва вазифаҳои накшавию барномавие, ки маҳз аз ҳамин Паём бармеоянд, алоқамандӣ доранд.

Маҳаки асосии вазифаҳои ба зиммаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ гузоштащударо, ки аз баррасии самти таъмини амнияти давлатӣ бармеоянд ва дар Паём ба Маҷлиси Олӣ садо доданд, ба чунин намудҳо тасниф кардан мумкин аст:

Якум, бо дарназардошти тағйирёбии пайвастаи вазъияти сиёсии ҷаҳони имрӯза ва минтақа мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки вазифаҳои масъулиятнокро ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ ва устувории марзҳои давлатӣ иҷро намоянд;

Дуюм, роҳу усулҳои тактикии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд мутобиқ ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ тарҳрезӣ карда шаванд. Чуноне ки вобаста ба ин масъала Пешвои миллат дар Паём супориш доданд, ки Консепсияи мудофиаи миллӣ мутобиқ ба равандҳои тағйирёбии вазъи сиёсии ҷаҳону минтақа коркарду қабул карда шавад;

Сеюм, сари вақт ба инобат гирифтани дархосту пешниҳоди шаҳрвандони кишвар дар маҳалли зист, назорату ошкор кардани ячейкаҳои хуфтаи ҳизбу созмонҳои ифротгаро, тавсеаи пешбурди корҳои амалӣ дар самти идеологӣ, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон.

Ҳамин тариқ, ҳамчун амали ҷавобӣ ба сиёсати ғамхоронаи Пешвои муаззами миллат тамоми мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ ва кормандони он бояд ба иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ ва қарзи ҷамъиятии хеш камар банданд, ки ин низ машварату тавсияи доимии Сарвари давлат ба хизматчиёни давлатӣ мебошад.

# Молодежь - продолжатель славных традиций таджикского народа

С первых дней Государственной независимости одной из приоритетных и главных целей для Правительства Республики Таджикистан является важная сфера общественной жизни - образование и наука. Благодаря мудрой и дальновидной политики Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона принимаются необходимые меры по достижению этой цели.

Как особенно подчеркнул Лидер нации в своем ежегодном Послании Маджлиси Оли: "Мы воспринимаем школу в качестве храма науки и знания, образованности и просвещения, а учителя - в качестве личности, формирующей мышление, воспитателя подрастающего поколения, считаем важным вопрос его почитания". По мнению Лидера нации, если не будет школы и учителя, уровень образования населения будет весьма низким, нация останется безграмотной, общественность останется невежественной, в результате будет нанесён огромный удар по стабильности, безопасности и, важнее всего, по развитию государства.

Также огромное значение в формировании подрастающего поколения по глубокому убеждению Лидера нации имеет семейное воспитание. Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон неспроста отмечал, что "Пока на земле есть жизнь, будет существовать семья. Пока существует семья, будет жить несравненное богатство семьи ребёнок. Пока есть ребёнок, человечество будет жить, с мечтами и стремлениями". На самом деле, семья является бесценным поставщиком обществу высококультурных совершенных личностей. Ребёнок со дня рождения живет в семейной среде. Традиции, ценности, обычаи семьи формируют личностные качества ребёнка. Самое главное, дети через жизненную школу семьи чувствуют требования общества. В этом месте передовая мысль педагогической идеи связана с глубоким углублением, укреплением правильного направления семейного воспитания. В сущности, понятие семейного воспитания означает воспитание детей на основе национального нравственно моральных норм со стороны старшего поколения.

По мнению Лидера нации: "Обучение и воспитание вместе с тремя социальными структурами - семьи, школы и общества в наше время приобретает новый облик и новый дух. Необходимо отметить, что на эти три структуры оказывают большое влияние окружающая среда и информационное пространство, которое расширяется в результате процесса глобализации. Вышеупомянутые структуры вместе с СМИ должны иметь достаточную силу сопротивления, с тем, чтобы предотвратить вхождение негативных проявлений и чужих культур в нашу среду и не допустить их распространения в нашем обществе, среди подростков, молодёжи и отравить их умы и мышление".

Необходимо отметить, что Лидер нации всесторонне поддерживает молодежь и уделяет ей особое внимание во всех жизненно важных отраслях народного хозяйства. Особенно, изучению молодым поколением исторических ценностей, развитию национального и личного самосознания. Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, касаясь этого вопроса отметил: "Молодёжь Таджикистана является созидательной силой Родины, значительна и ценна её роль в развитии всех жизненных сфер государства и общества. Мы гордимся нашей молодёжью, поскольку она активно вносит вклад в развитие государства и обустройство Родины, охраняет рубежи страны, наделена чувством патриотизма, чести и достоинства, верна своему народу и государству".

Действительно, молодежь является огромной силой, и каждая нация во все времена опиралась на молодежь.

Охват молодёжи заботой, решение жизненных проблем, правильное и рациональное использование этого национального стратегического ресурса во имя прогресса и процветания Родины, обеспечение безопасности и стабильности общества является важной задачей, которая находится под непосредственным вниманием Лидера нации, поскольку Таджикистан - страна молодёжи.

В Республике Таджикистан по инициативе Лидера нации приняты ряд важных документов, касающихся молодежи. В том числе, Закон Республики Таджикистан "О молодежи и государственной политики молодежи", Постановление Правительства Республики Таджикистан "Об утверждении национальной концепции молодежной политики в Республике Таджикистан".

Необходимо отметить, что в 2022 году по инициативе Лидера нации были приняты "Национальная программа социального развития молодёжи в Республике Таджикистан на 2022-2026 годы" и "Государственная программа воспитания чувства патриотизма и укрепления национальной идентичности молодёжи Таджикистана на 2023-2027 годы".

Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем обращении Маджлиси Оли подчеркнул: "Мы надеемся на молодежь, потому что в будущем вся ответственность управления государством и процветание республики будет возлагаться на них".

Это означает, что Лидер нации в лице молодежи республики видит продолжателей славных традиций таджикского народа и такое внимание требует от молодого поколения огромной ответственности.

*Максудзода Р.М.,*
*доцент кафедры языков Академии МВД РТ,*
*полковник милиции*
*Хамрозода М.Х.,*
*преподаватель этой кафедры,*
*капитан милиции*

# Нақши матбуот дар инъикоси ҳаёти Тоҷикистони соҳибистиқлол

11-уми март рӯзи нашри нахустин рӯзномаи тоҷикӣ - "Бухорои шариф" махсуб меёбад. "Бухорои Шариф" аввалин нашрияе мебошад, ки дар қаламрави Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ пурра бо забони тоҷикӣ ба табъ мерасид. Ин рӯзнома як соли пурра ҳам фаъолият накард, зеро баъди нашри шумораи 153-юм - 2 январи соли 1913 баста шуд. Аммо "Бухорои шариф" тавонист дар ин муддат дар фазои торики Аморати Бухоро афкору андешаҳои тозаи маорифпарваронаро миёни мардум шарҳу тавзеҳ диҳад ва ҳадафҳои таъсису фаъолияташро, ки босаводу соҳибмаърифат, забондону адабиётдӯст ва худшиносу ояндабин кардани мардум буд, амалӣ намояд. Инкишоф ва рушди ҳаёти ҷамъиятии ҳеҷ як давлату миллатро бидуни матбуоти даврӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Матбуоти тоҷик - инъикосгари ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию варзишии ҷомеа мебошад. Бо ташаббуси ҷадидони Бухоро аввалин рӯзномаи тоҷикӣ - "Бухорои шариф" санаи 11-уми марти соли 1912 дар матбааи хусусии тоҷири яҳудитабор Л.Н.Левин, воқеъ дар шаҳраки Когони Бухоро нашр гардид. Рӯзнома дар матбааи Когон бо ташаббуси равшанфикрони машҳури тоҷик - тоҷири бухороӣ Мирзо Муҳиддин Мансуров (Мансурзода) (1862-1934) ва шоир, сайёҳ, ҳаким, публитсисти бухороӣ Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914) чоп шуда буд. Муҳаррири рӯзнома ба уҳдаи яке аз донишмандони забону адабиёти форсии тоҷикӣ, адиб ва журналисти маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода (1862-1931), ки ӯро аз Боку ба Бухоро даъват карда буданд, гузошта шуда буд.

Матбуоти тоҷик роҳи тӯлониро паси сар намуда, дар барқарорсозии Ҳукумати Шӯравӣ, солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ (1941-1945), солҳои барқарорсозии баъдиҷангӣ, рушди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, давраи бозсозӣ (1985-1990) ва ниҳоят, давраи ба даст овардани Истиқлоли давлатиро паси сар намуд.

Бахусус, дар давраи Истиқлоли давлатӣ бо ташаббус ва ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воситаҳои ахбори омма хеле рушд намуданд. Аз соли 1959 инҷониб Иттифоқи журналистони Тоҷикистон амал намуда, Ассотсиатсияи воситаҳои мустақили омма ва Академияи воситаҳои ахбори омма махз дар давраи Истиқлол таъсис дода шуданд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ зиёда аз 300 рӯзномаи даврӣ, то 200 сомонаи интернетӣ, агентиҳои гуногуни иттилоотӣ, чандин шабакаи телевизиониву радиоӣ самаранок фаъолият доранд.




Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 телевизиони давлатӣ, 10 радиои давлатӣ, 33 телевизиони хусусӣ, 22 радиои хусусӣ ва 12 студияи истеҳсоли махсулоти аудиовизуалӣ фаъолият менамоянд. Аввали соли 2020 фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои шабакаҳои давлатии телевизионӣ дар пахши рақамӣ 65,8%-ро ташкил медод, то охири соли 2020 ин нишондиҳанда ба 72% расонида шуд.

Фоизи фарогирии аҳолии кишвар бо барномаҳои шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ дар пахши заминии ғайриодӣ (аналогӣ) чунин аст: "Телевизиони Тоҷикистон" - 99,72%, "Телевизиони Сафина" - 92,70%, "Баҳористон" - 89,01% ва "Ҷаҳоннамо" - 78,96%.

Фоизи фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои давлатии радио дар мавҷи FM чунин мебошад: "Радиои Тоҷикистон" - 88,60%, "Овози тоҷик" - 57,90%, "Садои Душанбе" - 65,80% ва "Фарҳанг" - 59,87% мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ ва радиои давлатӣ, дастрасӣ ба матбуоти даврӣ ва интернет чораҳои мушаххас меандешад. Шабакаҳои телевизионӣ ба формати рақамӣ гузаронида шуда, ба моҳвора пайваст мебошанд, ки ҳамватанони бурунмарзии мо низ аз онҳо истифода мебаранд. Аксари рӯзномаҳо платформаи интернетӣ ва сомонаҳои худро доранд.

Бо ташаббуси Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, дар сохтори ВКД низ ба рушди матбуот аҳамияти хоса дода мешавад. Аз ҷумла, дар ВКД Маркази матбуот, Сомонаи расмии интернетӣ бо 3 забон, Студияи телевизионӣ, Ҳафтаномаи соҳавии "Қонун ва ҷомеа" ва маҷаллаи байнидавлатии "Наркофронт" фаъолият менамоянд. Марказҳои соҳавии матбуот дар тамоми воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла дар Академия фаъолият дошта, нашрияи ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо номи "Набзи милитсия" моҳе як маротиба бо сифати баланд нашр мегардад. Ҳамзамон, дар Академия радиои дохилӣ ва студияи телевизионӣ амал менамоянд, ки оид ба ҳаёту фаъолияти курсантону омӯзгорон пайваста хабар медиҳанд.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Пирӯзии мутахассисони Академия дар озмуни байналмилалӣ




Аз 15-уми июн то 15-уми октябри соли 2022 дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Руссия 5-умин Озмуни байналмилалии "Китоби илмӣ" баргузор гардид, ки дар он 139 кори илмӣ аз 57 муассисаи илмию таълимӣ аз Академияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Қазоқистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Беларус, Академияи политсияи ВКД Ҷумҳурии Озарбойҷон, инчунин аз 27 муассисаи таълимии низоми ВКД Руссия, Донишгоҳи прокуратураи Федератсияи Руссия, Академияи гумруки Руссия, се муассисаи таълимии Хадамоти федералии иҷрои ҷазои Руссия, Академияи Кумитаи тафтишотии Руссия дар шаҳри Санкт-Петербург, Институти илмӣ-тадқиқотии муҳофизати зиддисӯхтори Вазорати ҳолатҳои фавкулодаи Руссия ва ғайра пешниҳод шуда буданд. Ғайр аз ин, бори аввал дар озмун асарҳои олимони Донишгоҳи федералии Қрими ба номи В.И. Вернадский, Институти проблемаҳои идоракунии ба номи В.А. Тропезникови Академияи илмҳои Руссия, Маркази илмии Волгоградии Академияи илмҳои Руссия иштирок намуданд

Асарҳои пешниҳодшуда ба 21 номинатсия тақсим шуда, ҳар як кор ду маротиба аз тақриз гузаронида шуда буд. Ғолибон аз рӯйи натиҷаҳои ҷаласаи комиссияи экспертӣ, ки ба ҳайати он олимони варзидаи Академияи идоракунии ВКД Руссия, Институти тадқиқотӣ-илмии умумируссиягии ВКД Руссия, Донишгоҳи ВКД Руссия дар шаҳри Маскав ба номи В.Я. Кикот ва Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони ВКД Руссия дар шаҳри Домодедово шомил буданд, муайян карда шуданд.

Дар қатори иштирокчиёни озмун ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам буданд ва хурсандиовар аст, ки дар байни 57 муассисаи илмию таълимии қаламрави ИДМ корҳои илмӣ - монографияи омоданамудаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Ҳайдарзода М.П. дар мавзӯи "Проблемы совершенствования законодательства и квалификации преступлений экстремистской направленности в Республике Таджикистан", дар номинатсияи "Амнияти миллӣ" иштирок намуда, соҳиби ҷойи дуюм гардид.

Аз ин хотир, роҳбарият, ҳайати профессорону омӯзгорон, афсарону курсантон ва шунавандагони Академия ғолибони озмунро самимона табрик намуда, барои фатҳи қуллаҳои нави эҷодӣ муваффақиятҳои бепоён таманно доранд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

# Шӯрои ҷавонон аз ҷумлаи фаъолтаринҳо

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳмонхонаи "Ҳаят Реҷенси"-и шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупорӣ оид ба ҷамъбасти номинатсияҳои касбу кори гуногун баргузор гардид, ки Академияро дар он раиси Шӯрои ҷавонон, муаллими калони кафедраи ПҶТ ва ТБҶ факултети №6 лейтенанти калони милитсия Раҷабалиён А.Р. намояндагӣ кард.

Бояд гуфт, Шӯрои ҷавонони Академия дар чорабинии мазкур сазовори номи Беҳтарин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи номинатсияи "Фаъолтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соли 2022" дониста шуд.

Дар интиҳои чорабинӣ аз ҷониби раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳмонзода ба мудирони шуъбаҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олӣ туҳфаҳо тақдим карда шуд.

***У. Олим***




# Дар Академия ба масъалаи забономӯзӣ диққат дода мешавад!

Бо мақсади амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти ВКД, аз ҷумла роҳбарияти Академияи он пайваста тадбирҳои судмандро роҳандозӣ менамоянд.

Бояд иброз намуд, ки дар замони муосир забономӯзӣ яке аз рукнҳои ҷудонопазири самти фаъолият ба ҳисоб меравад. Рушди илму техника, технологияи муосир ва суръат ёфтани муносибатҳои байнидавлатӣ ҳар яки моро водор месозад, ки ҷиҳати азхуд намудани забонҳои хориҷӣ кӯшиш ба харҷ диҳем. Вобаста ба муҳимияти забономӯзӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла, санаи 27-уми сентябри соли 2022, ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иброз намуданд, ки "Ман борҳо таъкид карда будам ва ҳоло бори дигар хотиррасон менамоям, ки дар шароити муосир ноил гардидан ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои нав ва баробар бо ҷомеаи пешрафтаи башар қадам гузоштан бидуни аз худ кардану хуб донистани забонҳои хориҷӣ бисёр мушкил ва ҳатто ғайриимкон мебошад".

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани забономӯзӣ дар Академия, ба ғайр аз дарсҳои ҳатмӣ, ҳамчунин гурӯҳҳои алоҳида ташкил карда шудааст, ки курсантон дар он фаъолона таҳсил менамоянд. Ҷиҳати хотирмон гузаштани чунин озмунҳо пайваста озмунҳо ва семинару мизҳои мудаввар ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, санаи 7-уми марти соли равон бахшида ба Рӯзи модар байни курсантони курси якум намоиши дарси забони англисӣ ба роҳ монда шуд, ки хеле ҳам хотирмон буд.

***Н. Маҷонова,***
***лейтенанти калони милитсия***







## Фаъолнокии курсантон дар мусобиқаи тирандозӣ

Санаи 4-уми март дар Кумитаи ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи шаҳрвандии шаҳри Душанбе бо мақсади таблиғи намудҳои ҳарбӣ-амалии варзиш ва оид ба рушди тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастии ҷавонон, бахшида ба Рӯзи модар мусобиқаи тирандозӣ гузаронида шуд. Дар ин чорабинии идона донишҷӯдухтарони 18 донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар ин мусобиқа дастаи тирандозони Академия дар ҳайати курсанти курси чоруми факултети №2 сержанти хурди милитсия Ҳасензода Олуфтамоҳ Латиф, курсанти курси дуюми факултети №2 милитсияи қаторӣ Ниёлбӣ Маҳмудова ва курсанти курси дуюми факултети №5 милитсияи қаторӣ Мавлуда Сафарова фаъолона иштирок намуда, бо гирифтани 119 хол сазовори ҷойи дуюм гардид.

Ба сардори дастаи тирандозони Академия, муаллими калони кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонии факултети №2 майори милитсия Салимзода Маҳмадраҳим Салим аз тарафи намояндаи Кумитаи ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи шаҳрвандии шаҳри Душанбе барои иштироки фаъол ва гирифтани ҷойи намоён Ҷом ва Сипоснома супорида шуд.

*М. Зиёратшозода*

## Ғалабаи дастаи Академия дар Спартакиадаи варзишӣ



Рӯзҳои 18-22-юми феврал аз ҷониби кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонии Академия, ки роҳбарии онро довари дараҷаи байналмилалӣ, подполковники милитсия Латиф Муҳиб Лоҷварбек ба уҳда дорад, як қатор чорабиниҳои ҳарбӣ-варзишӣ бахшида ба 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуданд.



Мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишӣ байни муассисаҳои таълимии низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пойгоҳи низомии 201-и Федератсияи Руссия дар Тоҷикистон, аз намудҳои варзиши волейбол, футболи хурд, шоҳмоту шашкабозӣ, ба қисмҳо ҷудову ҷамъ намудани таппончаи "Макаров" ва автомати "Калашников" доир гардид.

Дар ин чорабинӣ дастаи Мактаби олии КДАМ бо гирифтани 1 медали тилло ва як медали биринҷӣ сазовори ҷойи сеюм гардид. Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ бо гирифтани 1 медали тилло, 1 медали нуқра ва 1 медали биринҷӣ сазовори ҷойи дуюм гардид ва Академияи ВКД бо гирифтани 4 медали тилло ва 1 медали биринҷӣ сазовори ҷойи якум гардид.

Маросими кушодашавӣ рӯзи 20-уми феврал бо иштироки мушовири Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники милитсия Ориф Ҷӯраев, намояндаи Пойгоҳи низомии 201-и Федератсияи Руссия дар Тоҷикистон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии низомии кишвар сурат гирифт.

Дар маросими ҷамъбаст аз ҷониби муовинони сардори Академия, полковникҳои милитсия Ализода А.Ш. ва Шарифзода М.С., ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои варзишии мазкур бо Ҷом, медал, диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

*А. Нурализода*

## Ҳамкории байналмилалӣ дар самти таълим



Дар ҷодаи ҳамкориҳои дутарафа ва мувофиқи иҷрои бандҳои дахлдори Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти илмие, ки 26 апрели соли 2018 байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Барнаул ба имзо расидааст, инчунин тибқи Барномаи кории мақсаднок, санаи 1-уми март дарс дар шакли маҷозӣ барои курсантони факултети №2 дар мавзӯи "Хусусиятҳои умумии низоъ ва хусусиятҳои механизми пайдоиши он дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ. Хусусиятҳои психологии низоъ" баргузор гардид.

Лектори он сардори кафедраи психология ва педагогика дар мақомоти корҳои дохилии донишкадаи мазкур, номзади илмҳои таърих, дотсент, полковники политсия Курсакова Елена Николаевна буд. Лексия дар сатҳи баланд гузашт ва курсантон маълумоти наву шавқовар аз худ намуданд.

Дар охири лексия иштирокчиён ҳамкории пурсамар ва натиҷабахшро дар оянда таманно намуданд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Баҳри сарсабзу хуррам гардонидани диёр



Ҷиҳати ичрои дастуру супоришҳои ҳамешагии Вазири корҳои дохилӣ, д.и.х., профессор, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, сардори Академия, д.и.х., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ва сахмгузорӣ намудан дар масъалаи тозаю озода нигоҳ доштани ҳудуди пойтахт, ки аз таъкидҳои доимии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бармеояд, аз субҳи барвақт то чошти рӯзи 4-уми март беш аз 800 нафар курсантони Академия дар "Боғи Ғалаба"-и шаҳри Душанбе дар шанбегӣ фаъолона иштирок намуданд.

Қабл аз оғози маърака сардори Академия Ф. Шарифзода мақсаду нияти ташриф овардан ба ин макони хушманзараи пойтахтро хотирнишон сохта, ба ҳозирин меҳнати бовиҷдононаю софдилона таманно кард.

Курсантони факултетҳои №№ 2 ва 6 зери роҳбарии муовинони сардори Академия, полковникҳои милитсия Мирзо Шарифзода ва Алиҷон Ализода, сардорони факултетҳо ва кураторони гурӯҳҳои таълимӣ ин равандро аз оғоз то анҷом ташкилу роҳандозӣ карданд.



Курсантон масоҳати беш аз 10 гектарро тозаву рӯбучин карда, гирду атрофи дарахтонро нарму мулоим намуданд.

Тибқи тақсимоти маъмурияти "Боғи Ғалаба", омӯзгорону курсантони Академия дар ҳамбастагӣ бо кормандони Раёсати экологӣ ва сайёҳӣ ва Раёсати амнияти дохилии ВКД кори хайру савоберо ба иҷро расониданд.

Ба ин монанд, баҳри сазовор пешвоз гирифтани Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, дар ҳудуди Академияи ВКД низ бо иштироки роҳбарият, кормандон ва курсантон шанбегӣ гузаронида шуд.

Дар рафти ин чорабинии муҳим, ки бо мақсади зебою назаррабо намудани таълимгоҳ равона гардида буд, гирду атрофи биноҳои муассисаи таълимӣ аз алафҳои бегона тоза ва зери дарахтону гулҳои ороишӣ нарм карда шуданд.



Ҳамзамон, дар рафти шанбегӣ аз тарафи ҳайати шахсӣ навъҳои гуногуни дарахтони сояафкану ороишӣ ва мевадиҳанда шинонида шуд, ки атрофи Академияро боз ҳам зеботар мегардонад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки бо мақсади ичрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти ВКД, дар Академия пайваста чунин шанбегиҳо гузаронида мешавад.

*Назарзода Н.Ҷ.*




## Наврӯзии мо

Эй халқи ҷаҳон, хуш аст наврӯзии мо,
Наврӯз ҷаҳонӣ аст андар ҳама ҷо.

Далда, суманак ба дардҳо ҳаст даво,
Гулҳо ба чаман, кӯҳ ба тан сабзқабо.

Тору дафу чангу най ба сад савту наво,
Оҳангу ғазал расида то авҷи само.

Абри сияху жола панаҳ карда ҳаво,
Бӯйи хуши гул паҳн бигашта ба фазо.

Деҳқон ҳама ҷо, ба ҳам бувад факру зиё,
Шавқе ба баҳор дорад ин аҳли ниё.

Наврӯз, биё ба ҳар дари хона даро,
Аз сардию барф мо бигаштем раҳо.

Шодию тараб, Ниҳониё, ҳаст раво,
Гӯем, ғаме ҳаст ба дил, тез баро.

*Ниҳонӣ*

## Нашри дастури таълимӣ-методӣ

Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Равандҳои геополитикии Тоҷикистон дар шароити муосир (дастури таълимӣ-методӣ). - Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - 43с.

Муқарризон: Аламов Ҳ.М. - номзади илми таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Бедилзода Ҳ.К. - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Муҳаммад С.А. - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.




Муҳаррири масъул: Қосимов Ф.М. - н.и.х., сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

Дастури мазкур назария ва амалияи равандҳои геополитикии Тоҷикистонро дар шароити муосир дар бар мегирад. Дастур барои аз худ намудани равандҳои геополитикии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мусоидат намуда, барои омӯзиш ва баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҷаҳонбинии курсантон, шунавандагон, унвонҷӯён, адъюнктон, омӯзгорон ва кулли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ судманд хоҳад буд.

*Шуъбаи адъюнктура*



МУАССИС: Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ. *Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Шарифзода Ф.Р. *Сардори Академияи ВКД*
Насуриён П.А. *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
Раҳмадҷонзода Р.Р. *Муовини сардори Академияи ВКД*
Ализода А.Ш. *Муовини сардори Академияи ВКД*
*САРМУҲАРРИР:* Умед Олим
*ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР:* Шавкат Убайдуллоев
*ТАРРОҲ:* Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи маводи нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.
Нашрия аксҳо ва бархе маводро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.
Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо: 226-60-43 (факс), 226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха